**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ)**

Комиссияи экспертӣ, ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 11-1 аз 11 июни соли 2026) таъсис дода шудааст, дар ҳайати зерин: раис – доктори илмҳои техникӣ Ҳасанзода Н.М. ва аъзоён – доктори имлҳои техникӣ Носиров Н.К., ва доктори илмҳои техникӣ Сафаров М.М., хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

**Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илми 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ)**

Дар шароити муосир таъсири тағйирёбии иқлим, афзоиши талабот ба неруи барқ, тағйирёбии речаи ҷараёни об, равандҳои эрозия ва таҳшиншавӣ, инчунин зарурати баланд бардоштани самаранокӣ ва эътимоднокии кори иншооти гидротехникӣ яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ ба рушди устувори гидроэнергетика, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, таъмини амнияти энергетикӣ ва баланд бардоштани устуворӣ фаъолияти неругоҳҳои барқи обӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Мавзуи интихобнамудаи докторант бо назардошти аҳамияти стратегии ҳавзаи дарёи Вахш, мавҷудияти иншооти бузурги гидротехникӣ ва неругоҳҳои калидии барқи обӣ, аз ҷумла НБО-ҳои Роғун ва Норак, дорои аҳамияти баланди илмӣ, техникӣ ва амалӣ мебошад. Ҳавзаи дарёи Вахш дар низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи марказӣ дошта, омӯзиши имкониятҳои гидроэнергетикӣ, оптимизатсияи речаи кори иншооти гидротехникӣ ва арзёбии таъсири омилҳои иқлимӣ ба фаъолияти онҳо барои рушди минбаъдаи соҳаи энергетикаи кишвар зарурати муҳим дорад.

Муҳтавои диссертатсия масъалаҳои таҳлили захираҳои гидроэнергетикӣ, моделсозии математикӣ ва оптимизатсионии фаъолияти иншооти гидротехникӣ, арзёбии самаранокии энергетикии дарёҳо, таҳлили таъсири эрозия ва таҳшиншавӣ ба устувории низоми гидроэнергетикӣ, инчунин омӯзиши таъсири тағйирёбии иқлим ба сарфи об ва иқтидори гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахшро фаро мегирад. Ин масъалаҳо бевосита ба соҳаи сохтмони гидротехникӣ, истифодабарии бехатар ва устувори иншооти гидротехникӣ, мониторинг, ташхис ва такмили усулҳои идоракунии объектҳои обию энергетикӣ алоқаманд мебошанд.

Дар таҳқиқот истифодаи усулҳои муосири илмӣ, аз ҷумла моделсозии математикӣ ва оптимизатсионӣ, GIS, моделҳои SRM ва MUSLE, усулҳои оморӣ ва сенарияҳои иқлимии CMIP5/CMIP6 имкон додааст, ки таъсири тағйирёбии иқлим, эрозияи хок ва таҳшиншавӣ ба фаъолияти устувори иншооти гидротехникӣ ва неругоҳҳои барқи обӣ ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад. Чунин равиши илмӣ ба талаботи ихтисоси сохтмони гидротехникӣ мутобиқ буда, барои таҳияи қарорҳои асоснок дар самти баланд бардоштани эътимоднокӣ, самаранокӣ ва бехатарии истифодаи иншооти гидротехникӣ заминаи илмӣ фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки масъалаҳои оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ, моделсозии фаъолияти иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш, арзёбии речаи кори НБО-ҳои бузург ва муайян намудани таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ ба устувории низоми гидроэнергетикӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим буда, ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки соҳаи гидротехника ва гидроэнергетика равона гардидаанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D074400-Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401-Сохтмони гидротехникӣ)**

Диссертатсия ба бандҳои 3,11 низомнома ва шиносномаи ихтисоси илмии 6D074401- Сохтмони гидротехникӣ мутобиқат мекунад:

- 3. Ташкилӣ самтҳои нави ояндабинии ҳолати шиддатнокӣ шаклдигаркунии иншооти гидротехникии тамбагӣ ва бетанбагӣ; такмили усулҳои муайянкунии намудҳои гуногуни қувваҳо ба иншоот, гидрогиреҳи обӣ, бино ва бинои мошинҳои НБО-и барқӣ; асосноккунии роҳҳои эътимоднокӣ ва мустаҳкамии конструксияи иншооти обӣ нақлиётӣ;
- 11. Эътимоднокии истифодабарӣ иншооти гидротехникӣ, ташкили критерияҳои нави бехатарӣ, системаҳои нави назоратӣ ва мушоҳидавӣ аз болои иншоотҳо, такмили усулҳои диагностикаи техникӣ ва мониторинги системаи обӣ ва объектҳо.

Номгӯи мавзӯи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D074400-Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401-Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқат мекунад.

**Инъикоси мукаммали муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Муҳтавои асосӣ, натиҷаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсияи Рахмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар таълифоти нашршудаи довталаб ба таври пурра ва пайдарпай инъикос ёфтаанд. Тибқи автореферат, мазмуни асосии диссертатсия дар 20 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 патенти хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маводи конференсияҳои илмии сатҳи гуногун нашр гардидааст. Дар таълифоти [1–М] таҳлили муқоисавии захираҳои энергетикӣ, аз ҷумла гидроэнергетикӣ, ангишт, захираҳои минералӣ ва манбаъҳои барқароршаванда, дар асоси эквиваленти энергетикии солона

инъикос ёфтааст. Дар кори [2–М] сенарияи гидро-ангиштии рушди энергетика ва моделҳои оптимизатсионӣ-тақлидии реҷаи кори низоми энергетикӣ, аз ҷумла НБО-и Роғун, баррасӣ шудааст. Мақолаҳои дигар ба ҳамгироии НБО бо манбаъҳои барқароршаванда, арзёбии эрозия, таҳшиншавӣ, истифодаи GIS, SRM, MUSLE ва таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои обию энергетикии ҳавзаи Вахш бахшида шудаанд. Маводи конференсияҳо натиҷаҳои фосилавӣ ва ҷанбаҳои амалии таҳқиқотро муаррифӣ менамоянд. Ҳамин тариқ, маҷмӯи интишороти довталаб ҳамаи бахшҳои асосии диссертатсияро фаро гирифта, мутобиқати пурраи онҳоро тасдиқ менамояд. Хусусияти муҳим он аст, ки ҳар як интишор бо мақсад, вазифаҳо, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои асосии диссертатсия робитаи мустақим дошта, сатҳи апробатсияи илмии таҳқиқотро нишон медиҳад ва арзиши назариявию амалии илмии онро пурра асоснок месозад.

**Иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Муҳтавои асосии диссертатсия дар шакли 20 мавод интишор шудааст, аз ҷумла: 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти ҶТ; 8 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ; муаллиф дорои 1 нахустпатенти ҶТ мебошад.

Банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Замимаи 2 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) аз ҷониби довталаб пурра иҷро гардидааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ**

Эътимоднокии натиҷаҳои бадастовардашудаи диссертатсия бо истифодаи маҷмӯи усулҳои муосири илмӣ, аз ҷумла таҳлили системавӣ, моделсозии математикӣ ва оптимизатсионӣ-тақлидӣ, усулҳои оморӣ, низоми иттилоотии ҷуғрофӣ ва арзёбии сенариявии тағйирёбии иқлим тасдиқ мегардад. Дар кори диссертатсионӣ барои омӯзиши захираҳои обию энергетикӣ, реҷаи кори иншооти гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш, таъсири эрозия, таҳшиншавӣ ва тағйирёбии иқлим аз моделҳои SRM, MUSLE, Pearson навъи III, GIS ва сенарияҳои CMIP5/CMIP6 истифода шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот ба маълумоти расмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, нишондиҳандаҳои гидроэнергетикӣ, обуҳавошиносӣ ва ҷуғрофӣ асос ёфтаанд. Муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо таҳқиқоти пешинаи олимони соҳа ва истифодаи фарзияҳои асоснок боиси баланд гардидани дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо шудааст. Илова бар ин, натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ мавриди муҳокима ва апробатсия қарор гирифта, мутобиқати онҳо ба мақсад, вазифаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда таъмин гардидааст.

**Масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро**

Кори диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -

доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ тавсия карда шавад.

**Пешниҳоди муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар**

Муҳақиқон зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Саидзода Ҷамшед Ҳамро - доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессори кафедраи «Масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ;

- Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Сохтмон»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Ба сифати муассисаи пешбар – **Донишгоҳи давлатии Данғара** пешниҳод карда мешавад.

**Иҷозати эълони ҳимоя**

Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

**Асолати матни диссертатсия 73,58 % ва асолати матни автореферат 77,9 %-ро ташкил менамоянд.**

**Нашр ва паҳн намудани автореферати диссертатсия**

Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 адад ва исрол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаи илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Раҳмонов Шарифхуҷа Сайвалиевич дар мавзуи «Сенарияҳои гидроэнергетикии оптимизатсияи тавозуни захираҳои энергетикӣ ва моделсозии фаъолияти иншоотҳои гидротехникии ҳавзаи дарёи Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руйи ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D074400 – Сохтмони гидротехникӣ ва иншоот (6D074401 – Сохтмони гидротехникӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Саидзода Ҷамшед Ҳамро - доктори илмҳои техникӣ, и.в. профессори кафедраи «Масолеҳҳо, технология ва ташкили сохтмон»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ;

- Зувайдов Маҳмадулло Маҳмасолиевич – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи «Сохтмон»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Данғара** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ Ҳасанзода Н.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои техникӣ Носиров Н.К.

доктори илмҳои техникӣ Сафаров М.М.

«22» 06 соли 2026